**ТАҚРИЗИ**

**мушовири илмӣ доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор Қурбонов Абдулхайт Каримович ба диссертатсияи Қодирова Гулмо Толибовна дар мавзуи «Ташаккули низоми баҳисобгирии муҳосибии субъектҳои хоҷагидорӣ дар шароити ҳамгироии иқтисодии байналмилалӣ: назария, методология, амалия», ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.08 – Баҳисобгирии муҳосибӣ ва аудит пешниҳод шудааст**

Қодирова Гулмо Толибовна соли 1994 Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (Университети давлатии Тоҷикистон ба номи В.И. Ленин)-ро аз рӯйи ихтисоси «Баҳисобгирии бухгалтерӣ, назорат ва таҳлили фаъолияти хоҷагидорӣ» бо дипломи аълочӣ хатм намудааст. Фаъолияти меҳнатии худро аз соли 1994 ба ҳайси ассистенти кафедраи баҳисобгирии бухгалтерии факултети молиявию иқтисодии Донишгоҳи давлатии миллии Тоҷикистон оғоз намудааст. Солҳои 1994-2006 ба ҳайси ассистенти кафедра ва аз соли 2006 то 2010 ба ҳайси муаллими калони кафедраи баҳисобгирии бухгалтерии факултети молиявию иқтисодии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон кор кардааст. Соли 2010 рисолаи номзадии худро зери унвони "Асосҳои ташкилӣ-иқтисодии ташаккул ва рушди маркетинг дар хоҷагии қишлоқи Ҷумҳурии Тоҷикистон" бо муваффақият ҳимоя намуда, сазовори дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ гардид. Солҳои 2010-2015 ба ҳайси дотсенти кафедраи таҳлили иқтисодӣ ва аудити Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, солҳои 2015-2019 декани факултети баҳисобгирӣ – иқтисодии Донишкадаи соҳибкорӣ ва хизмат, солҳои 2019-2020 муовини ректор оид ба корҳои таълимии Донишкадаи соҳибкорӣ ва хизмат кор ва фаъолият намудааст. Ҳоло дар вазифаи мудири кафедраи менеҷменти Академия идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон фаъолият бурда истодааст.

Бояд қайд намуд, ки ӯ роҷеъ ба мавзуи диссертатсионӣ 28 маводи илмӣ таҳия намудааст, ки аз ин 1 монография, 16 мақолаи илмӣ дар маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 10 мақолаи илмӣ дар конференсияву дигар маҷаллаҳои илмӣ ба тавсиб расонидааст.

Дар рафти таҳқиқот Қодирова Г.Т. худро ҳамчун таҳқиқотчии соҳибихтисос, ки дорои дониши баланд ва муосири назариявию амалии таҳқиқотӣ дар самти баҳисобгирии муҳосибӣ ва аудит мебошад нишон дода, бо соҳибию салоҳиятнокӣ аз методҳои муосири таҳқиқоти иқтисодӣ ва аз худ намудани методология ва методикаи таҳқиқи кори илмӣ аз ҷумла, ташаккули низоми баҳисобгирии муҳосибии субъектҳои хоҷагидорӣ дар шароити ҳамгироии иқтисодии байналмилалӣ, ки ҷузъи муҳимтарини низоми иқтисоди бозорӣ мебошад, тайёр намуда ба баррасӣ омода намудааст.

Аз тарафи Қодирова Г.Т. дар раванди таҳқиқот усулҳои илмии мантиқӣ, таҳлилӣ, иқтисодӣ-оморӣ, иқтисодӣ-риёзӣ, графикӣ, коршиносӣ, истисно, муқоиса ва дигарҳо истифода шудаанд. Инчунин диссертатсия ба асарҳои олимон ва муҳаққиқони хориҷию ватанӣ, ки ба омӯзиши назария ва методологияи ташаккули низоми баҳисобгирии муҳосибӣ дар шароити ҳамгироии иқтисодии байналмилалӣ ва татбиқи стандартҳои байналмилалии ҳисоботи молиявӣ бахшида шудаанд, асоснок карда шудааст.

Натиҷаҳои мушаххаси илмие, ки дар раванди таҳқиқот ба сифати навгонии илмӣ ба даст оварда шудаанд, ҷанбаҳои таърихию назариявӣ ва равишҳои методологии ташаккули баҳисобгирии муҳосибӣ, хусусиятҳои пайдошавии баҳисобгирии муҳосибӣ ҳамчун соҳаи илм ва ҳам соҳаи фаъолият муайян карда шуда , инчунин, марҳилаҳои рушди баҳисобгирии муҳосибӣ аз нигоҳи нав таҳқиқ ва арзёбӣ карда шудаанд. Бо такя ба муҳтавои асарҳои олимон ва муҳаққиқони ҷаҳонӣ асолати шарқӣ доштани илми баҳисобгирӣ дар рисолаи илмӣ мазкур тасдиқ карда шудааст. Баҳисобгирии муҳосибӣ ҳамчун инъикоскунандаи фаъолияти хоҷагидории корхона муайян карда шуда, вобаста ба ин амсилаи шабеҳи низоми баҳисобгирии муҳосибии субъекти хоҷагидорӣ тартиб дода шудааст, ки дар он алоқамандии унсурҳои баҳисобгирӣ ва вазифаҳои идоракунӣ инъикос гардидаанд.

Муқаррароти назариявӣ, ки аз ҷониби диссертант дар диссертатсия таҳия гардидааст, метавонанд ҳамчун саҳми муҳим дар ташаккул ва рушди низоми баҳисобгирии муҳосибии субъектҳои хоҷагидорӣ дар шароити ҳамгироии иқтисодии байналмилалӣ ва татбиқи стандартҳои байналмиллалии ҳисоботи молиявӣ (СБҲМ) муаррифӣ шаванд. Натиҷаҳои назариявии диссертатсия имконияти иҷрои таҳқиқоти илмиро дар самти ташаккул ва рушди низоми баҳисобгирии муҳосибӣ дар шароити ҳамгироии иқтисодӣ ва татбиқи СБҲМ фароҳам меоранд.

Натиҷаҳои таҳқиқот дар шакли гузоришҳои илмӣ ва тавсияҳои амалӣ пешкаш гардида, дар конференсияҳои байналмилалӣ ва ҷумҳуриявии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон, Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи А. Рӯдакӣ муҳокима ва баррасӣ шудаанд.

Муқаррароти дигари диссертатсия бошад, дар ҷараёни таълимии Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон ҳангоми хондани фанҳои «Назарияи баҳисобгирии муҳосибӣ», «Баҳисобгирии муҳосибии молиявӣ», «Баҳисобгирии муҳосибии идоракунӣ», «Аудит», «Назорати давлатии молиявӣ», «Баҳисобгирӣ ва ҳисоботи андоз», «Баҳисобгирии муҳосибӣ ва аудит» (Санад аз 10.02.2023с.) истифода шуда истодааст. Бархе аз муқаррароти дигари амалии таҳқиқоти диссертатсионӣ бошад, дар фаъолияти амалии муҳосиботи корхонаҳо барои татбиқ қабул шуда, аз ҷумла он дар таҷрибаи ҶСП «Комбинати металургии тоҷик» (мавриди истифода қарор гирифтааст, ки аз он маълумотнома тахти №16/8 аз 6.04.2023с.) ва ҶДММ «Моор Стивенс» ва (маълумотномаи тахти №34 аз 12.04.2023с.) шаҳодат медиҳад.

Кори диссертатсионии мазкур барои ба таври назаррас такомул ёфтани таъминоти илмию методии илмҳои иқтисодӣ мусоидат хоҳад кард. Хулосаю замимаҳо ва тавсияҳои дар асоси таҳлили илмии ҳолати

тасдиқ карда шуда дар диссертатсия метавонанд ба амалияи ташаккули низоми баҳисобгирии муҳосибии субъектҳои хоҷагидорӣ дар шароити ҳамгироии иқтисодӣ мусоидат намоянд.

Хулосаҳои асоснок, пешниҳодҳо ва тавсияҳои кори диссертатсиониро ба сифати воситаи ташаккули низоми баҳисобгирии муҳосибии субъектҳои хоҷагидорӣ дар шароити ҳамгироии иқтисодӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон истифода бурдан мумкин аст, ки аз аҳамияти амалии кори диссертатсионӣ дарак медиҳанд. Пешниҳодҳои мушаххаси муаллиф мумкин аст, ки ҳангоми таҳияи лоиҳаи стратегияю барномаҳои давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти ташаккули низоми баҳисобгирии муҳосибии субъектҳои хоҷагидорӣ дар шароити ҳамгироии иқтисоди байналмилаӣ, истифода шаванд.

Ҳамин тавр, диссертатсияи Қодирова Гулмо Толибовна дар мавзуи «Ташаккули низоми баҳисобгирии муҳосибии субъектҳои хоҷагидорӣ дар шароити ҳамгироии иқтисодии байналмилалӣ: назария, методология, амалия» як тадқиқоти илмии пурра анҷомёфта ва мустақилонаи муаллиф маҳсуб ёфта, ба талаботи бандҳои 31, 33, 34, 35, “Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ” (Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти рақами 267 аз 30 июни соли 2021) ҷавобгӯ буда, аз руйи ихтисоси аз рӯйи ихтисоси 08.00.08 – Баҳисобгирии муҳосибӣ ва аудит ба ҳимоя пешниҳод карда мешавад.

**Мушовири илмӣ:**
**Доктори илмҳои иқтисодӣ,**
**профессори кафедраи таҳлили иқтисодӣ ва аудити**
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон** ________________ **Қурбонов А.К.**

**Имзои д.и.и., профессор А.К. Қурбоновро тасдиқ менамоям:**
**Сардори раёсати кадрҳо ва**
**корҳои махсуси ДМТ** **Тавқиев Э.Ш.**
**«**23**»** августи **2023с.**